# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-046 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба диссертатсияи Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи "Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод гардидааст.

Мавзӯи интихобнамудаи диссертант Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи "Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)" ба таҳқиқи муҳимтарин самтҳои педагогӣ бахшида шуда, дорои аҳамияти муҳими илмӣ мебошад.

Инсон ҷузъи табиат буда, дар он ташаккул ёфтааст ва сарвату конҳои онро аз худ намуда, дар худ фарҳанги муносибатро бо табиат касб кардааст. Ҳоло инсоният дар муносибати «Одам-табиат» мавқеи баланд дошта, торафт табиатро чуқуртар ва амиқтар аз худ намуда, онро ба таҳаввулоти азим, ки барои инсон ва ҷомеа дар тараққиёти дарозмуддат зарур аст, дучор месозад.

Аксарияти олимон ва муҳаққиқони мамлакатҳои гуногун воқеиятҳои мавҷударо дар экологияи сайёраи мо бӯҳронӣ ва марговар арзёбӣ кардаанд. Акнун пӯшида нест, ки ин вазъияти ногувор бо омилҳои зиёд, аз ҷумла афзоиши зиёди соҳаи истеҳсолот вобаста ба афзоиши аҳолии ҷаҳон, ҳаҷми зиёди истеъмоли захираҳои табиӣ, муносибати нодуруст ва ғайриоқилонаи инсон ба захираҳои табиат ва дар маҷмӯъ ба

тамоми табиат алоқамандӣ дорад. Иқтидори торафт афзояндаи инсон нисбат ба табиат боиси офатҳои азими табиӣ мегардад, ки оқибатҳои онҳо ҷомеаи инсониро дар давоми давраҳои минбаъда то дер ҳамроҳӣ хоҳанд кард. Инқилоби илмию техникӣ, пешрафти техникӣ бо афзоиши таъсири инсон ба муҳити табиӣ бо сарфи ғайриоқилонаи захираҳои табиӣ, истеҳсоли номутаносиби канданиҳои фоиданок ва сарватҳои табиӣ алоқаманд аст. Оқибати чунин муносибат метавонад камшавии бебозгашт, азхудкунии пурраи сарватҳои табиӣ, вайрон шудани мувозинати табиӣ, ифлосшавии ҳаво ва офатҳои табиӣ бошад.

Тарбияи фарҳанги экологии аъзои ҷомеаи муосир имкон медиҳад, ки нерӯи зеҳнӣ ва ҷисмонии шахс ба ҳифзи муҳити зист ва биосфера равона гардад, онҳо дар тозагӣ ва ҳолати коршоям нигоҳ дошта шаванд, захираҳои табиӣ ҳифз ва афзун шаванд, инчунин тарзи ҳаёти солим риоя гардад, ки дар ниҳояти кор ин ба наслҳои оянда муҳити тозаи зист ва аз ҷиҳати экологӣ солим мерос гузоштанро дар назар дорад. Тарбияи фарҳанги экологӣ, пеш аз ҳама, ба ҳифзи генофонди миллат, зиндагӣ дар биосфераи аз ҷиҳати экологӣ тозаву солим нигаронида шудааст.

Ҷаҳонбинии экологии шахсият ин низоми назари ӯ ба олами объективӣ, нақш ва ҷои инсон дар олам мебошад, ки ба тасаввуроти том дар бораи олами атроф, фаҳмиши робитаи умумии мутақобилаи ҳамаи раванду ҳодисаҳо, арзишмандии ҳамаи махлуқи зинда ва ғайризинда асос меёбад. Ҳамчунин мавқеи ҳаётии инсон, арзишҳо, ғояҳо, эътиқодҳои ӯ, принсипҳои маърифат ва фаъолият, ки асоси онҳоро талаботи императивҳои

экологию маънавӣ ташкил мекунанд, дар ин раванд нақши муҳим доранд. Дар асоси ҳаёти ин муносибат ба олам қарор дорад. Ҳамин тариқ, ҷаҳонбинии экологиро, ки призмаи маънавии ба худ хос мебошад ва тавассути он диди махсуси табиат, нақш ва рафтори инсон дар муҳити табиӣ идрок мегардад, ба сифати ҷузъи пойгоҳӣ ва ядрои фарҳанги экологии шахсият пазируфтан мумкин аст.

Дар адабиёти фалсафии илмӣ ва махсуси экологӣ табиат ҳамчун арзиши фарҳангӣ баррасӣ карда мешавад. Дар системаи арзишҳои фарҳангӣ табиат ҳарчи бештар мақоми сифатии нави худро пайдо мекунад, ки он дар низоми муносибатҳои тарбиявӣ, эстетикӣ ва ахлоқии иҷтимоӣ ва шахсӣ инъикос меёбад, ки дар он фарҳанги экологӣ ҷойи намоёнро ишғол менамояд ва ҷузъи фарҳанги умумӣ буда, нақш ва ҷойгоҳи фаъолияти иҷтимоии инсонро нишон медиҳад.

Фарҳанги экологӣ чун сифати шахсият дар худ ҷаҳоншиносӣ, тафаккури экологӣ, низоми дониш, арзиш, эҳсос, меъёр ва қоидаҳои экологӣ, ҳамчунин тартиби фаъолияти ҳифзи табиат ва рафтори мутобиқ ба экологияро дар муҳити иҷтимоию табиӣ фаро мегирад. Ин имкон медиҳад, ки дар сохтори фарҳанги экологии шахси ҷузъҳои зерин ҷудо карда шаванд: когнитивӣ, арзишию меъёрӣ, ахлоқию ҳуқуқӣ, эҳсосию иродавӣ, фаъолиятӣ. Ин ҷузъҳо соҳаҳои асосии шахсиятро фаро мегиранд.

Таҳлили таҳқиқоти илмии мавҷуда ва манбаъҳои дигар нишон дод, ки фарҳанги экологии омӯзгорро чун як қисми фарҳанги умумӣ ва касбию педагогии ӯ баррасӣ кардан мумкин аст.

Исматдинов Алишер Муҳамадович зарурияти андешидани чораҳои фаъолро барои ташаккули фарҳанги экологӣ дар байни омӯзгорони ояндаи фанни технология тасдиқ мекунад, ки минбаъд ба баланд бардоштани сатҳи дониши экологӣ ва арзиши онҳо ба таври мусбӣ мусоидат ҳоҳад кард.

Барномаи фанни интихобии «Асосҳои ташаккули фарҳанги экологӣ» ва як қатор лоиҳаҳои эҷодии самти экологӣ тартиб дода шуданд.

Тамоми воситаҳои мушоҳидаи дидактикии раванди ташаккули фарҳанги экологӣ (супоришҳои ташхисӣ ва инкишофдиҳандаи сатҳҳои гуногун, бозиҳо бо нақшҳои корӣ, захираҳои интернетӣ, рефератҳо), ки дар шароити амалия озмуда шудаанд, тартиб дода шудаанд. Маводҳои таҳқиқотӣ метавонанд ҳангоми тартиб додани мундариҷаи таълими экологии донишҷӯёне, ки дар ихтисосҳои педагогии дигар таҳсил мекунанд, истифода шаванд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар корҳои илмии нашргардида инъикос ёфта, саҳми шахсии довталаб дар таҳлили адабиёт вобаста ба кори диссертатсионӣ гузориши масъалаи таҳқиқот, иштироки новобаста дар гузаронидани озмоишҳо, коркарди методҳои тавсияшуда аз тарафи диссертант таҳия гаштаанд. Таҷриба аз нигоҳи педагогӣ асоснок карда шуда, ба ташаккули фарҳанги экологӣ дар омӯзгорони ояндаи технология нигаронида шудааст. Он ба таври кофӣ самарабахш буда, дар раванди ташаккули фарҳанги экологӣ дар омӯзгорони ояндаи технология метавонад васеъ истифода шавад.

Барои соҳиб шудан ба ҳадафи ниҳоии таҳқиқот Исматдинов А.М. марҳилаҳои зарурии таҳқиқотро омӯхта, онҳоро дар мантиқ, мундариҷаи сохтори диссертатсия инъикос намудааст.

Натиҷаи асосии таҳқиқот дар 12 кори илмӣ вобаста ба муаммои таҳқиқшуда инъикос ёфтааст.

Диссертатсия бо талаботи банди 44-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 ба тасдиқ расидааст, комилан мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳоест, ки барои рушди илми педагогика муҳим арзёбӣ мегарданд.

Аз тарафи Исматдинов А.М. таҳқиқоти диссертатсионӣ дар сатҳ ва савияи зарурӣ таълиф гардида, мустақилияти муаллиф эҳсос карда мешавад. Натиҷаи ниҳоӣ ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешкашгардида саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Аз тарафи диссертант автореферат дар мутобиқат бо мундариҷаи таҳқиқот таҳия шуда, мӯҳтавои асосии диссертатсияро дар бар мегирад. Натиҷаҳои илмӣ, ки муаллиф соҳиб шудааст, ба ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқ мебошанд.

Боиси зикр аст, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии Исматдинов А.М. ҳолати бидуни иқтибос истифода шудани мавод мушоҳида карда намешавад. Маъхази ҳамаи иқтибос, сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда нишон дода шудааст.

Исматдинов А.М. дар тартиб додани дастгоҳи илмии диссертатсия талаботи банди 16-и “Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент)”-ро риоя намудааст.

Банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ба назари эътибор гирифта, комиссияи ташхисӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Исматдинов А.М. дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ба Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-046 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои ҳимоя қабул карда шавад;

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия карда мешаванд:

1) Холназаров Санг - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

2) Ҳоҷибоев Далерҷон Дадоевич - номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи экологияи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон

3) Ба ҳайси муассисаи пешбар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

4) Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5) Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Сабурӣ Х.М.

**Аъзоёни комиссия:**

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Хоҷаева М.Ҷ.

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Олов С.
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ